«Тасдиқ мекунам»
Ректори МД «Консерваторияи миллии Тоҷикистонба номи Талабхӯҷа Сатторов», дотсент
Достизода М. ____________
«25_____» ноябри соли 2024

# ХУЛОСАИ КОНСЕРВАТОРИЯИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ ТАЛАБХӮҶА САТТОРОВ

Диссертатсияи «Хусусиятҳои жанрӣ дар анъанаҳои фалаки кулобӣ ва фалаки помирӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми санъатшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 17.00.02. «Санъати мусиқӣ» дар кафедраи таърих ва назарияи мусиқӣ ва кафедраи сароядагии анъанавии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов ба анҷом расидааст.

**Каримзода Саъдулло Салим** соли 2004 Консерваторияи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси овозхони анъанавӣ хатм карда, аз соли 2005 то соли 2008 ба ҳайси аспиранти кафедраи таърих ва назарияи мусиқии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба корҳои илмӣ-таҳқиқӣ машғул гардидааст. Феълан ба ҳайси дотсенти кафедраи сароядагии анъанавии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов фаъолият дорад.

Роҳбари илмии Каримзода Саъдулло Салим доктори илмҳои санъатшиносӣ, профессори кафедраи таърих ва назарияи мусиқии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов **Азизӣ Фароғат Абдукаххорзода** мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар шурои олимони Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов аз 5-уми ноябри соли 2018, қарори №2 тасдиқ шудааст.

Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов ба диссертант Каримзода Саъдулло Салим 5-уми июни соли 2024, №2 маълумотномаи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ додааст.

**Аз баррасии диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Диссертатсия аз муқаддима, се боб (7 фасл, 4 зерфасл), хулоса, рӯйхати адабиёт иборат аст. Мавзуи мавриди таҳқиқ нав ва муҳим буда, унвонҷӯ кӯшиш кардааст, ки доираи жанрӣ ва меъёрҳои жанрии Фалакро дар ду анъанаи аслии он – фалаки кӯлобӣ ва фалаки помирӣ муайян намояд. Дар илми мусиқишиносии муосир нахусттаҳқиқу таҳлили Фалак ҳамчун падидаи марказии мусиқии кӯҳистони тоҷик ва пазируфтани он ҳамчун яке аз се навъи мақомоти тоҷик ба тадқиқоти мусиқишинос, профессор Ф.А. Азизӣ мансуб аст. Аз коркардҳои ин муҳаққиқ бармеояд, ки меъёри асосие, ки имкон медиҳад Фалакро ба мақомот мансуб медонад, ҷо доштани *принсипи мақом* ва *системаи лаҳнии чормуқом/чормодарон/чорпада* мебошад. Роҳи рушди тулонии беш аз садсолаҳо собит месозад, ки Фалак имрӯз нишондиҳандаи сатҳи баланди тафаккури мусиқии кӯҳистониён боқӣ мемонад.

Мавзуи диссертатсия ва автореферати он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқие, ки дар **шиносномаи ихтисоси илмии** 17.00.02. «Санъати мусиқӣ» нишон дода шудаанд, комилан **мувофиқат мекунад.** Интишороти довталаби дараҷаи илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мутобиқати комил дорад ва натиҷаҳои илмии беш аз бистсолаи муҳаққиқро нишон медиҳад.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади асосии кори диссертатсионии мазкур таҳқиқи доираи жанрии Фалак ва муайян кардани меъёрҳои жанрии Фалак дар ду анъана – фалаки кӯлобӣ ва фалаки помирӣ мебошад.

Вазифаҳои асосии таҳқиқот инҳоанд:

– муайян кардани доираи жанрӣ дар анъанаи фалаки кӯлобӣ;
– муайян кардани доираи жанрӣ дар анъанаи фалаки помирӣ;

- муайян кардани пешомадҳои пайдоиши жанр дар Фалак;
- таҳқиқи ҷараёни шаклсозӣ дар жанрҳои гуногуни Фалак;
- таҳлили фалакҳои яккисма;
- таҳлили фалакҳои силсилавӣ;
- муайян кардани услуби силсиласозӣ дар Фалак;
- таҳлили татбиқи асосҳои назариявии жанр дар амалияи муосири Фалак.

Ба сифати мавод ва ё **сарчашмаҳои таҳқиқ** ҳамаи коркардҳои то имрӯз амалишудаи марбут ба Фалак, хусусан консепсияи илмии мусиқишинос Ф.А. Азизӣ, таҷрибаи ғановатманди назарӣ-илмии устодони бузурги Фалак – Одина Ҳошим, Давлатманди Хол, Файзалӣ Ҳасан, Гулчеҳра Содиқова, Соҳиба Давлатшоева, Ақназар Аловатов, Олуча Муаллибшоев, Муҳаммадсафар Муродов, Ҳаким Маҳмудов, Муҳаммадато Таваллоев ва диг. дар рафти таҳқиқот ҳамчун таҷрибаҳои хуби эҷодӣ истифода бурда шуд.

**Асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқот.** Ҳамаи дидҳои илмӣ ва таҷрибаи ғановатманди амалӣ, ки то имрӯз марбут ба Фалак ҷо дорад, дар бар мегирад, хусусан: консепсияи илмии мусиқишинос Ф.А. Азизӣ, ки дар таҳқиқотҳои ӯ оварда шудааст; таҳлили дарёфту комёбиҳои илмӣ-этнографии профессорон Ф.М. Кароматов ва Н.Ҳ. Нурҷонов; коркардҳои амалии фалакхонони варзида, устодон Одина Ҳошим, Давлатманд Хол, Файзалӣ Ҳасан, Гулчеҳра Содиқова, Соҳиба Давлатшоева, Ақназар Аловатов, Олуча Муаллибшоев, Мухаммадсафар Муродов, Ҳаким Маҳмудов, Муҳаммадато Таваллоев, Абдусалом Раҳимов ва диг. натиҷаҳои таҳқиқотии фолклоршиносон ва филологон Раҷаб Амонов, Соҳиб Табаров, Нисор Шакармамадов, Варқа Охонниёзов, Ҳайдармамад Таваккалов, Умед Мамадшерзодшоев ва дигарон.

Дар баробари диди илмии мусиқишинос Ф. Азизӣ, такя мекунад ба коркардҳову дарёфтҳои мақомшиносони бузург устодон Ф. Шаҳобов, И. Раҷабов, Ф. Кароматов, В. Беляев, В. Виноградов, М. Баркашлӣ, У. Ҳоҷибеков, Т. Визго, мусиқишиносон А. Низомов, О. Матёқубов, А. Раҷабов, А. Ҷумъаев, О.

Иброҳимов, Н. Ҳакимов, С. Худойбердиев, фолклоршиносон Р. Амонов, Н. Шакармамадов, В. Охониёзов, Х. Таваккалов ва диг. Услубҳои методологии устод Фазлиддин Шаҳобов доир ба композитсияи мақомӣ, ки дар рисола-баёзи ӯ ва нашри панҷҷилдаи Шашмақом («нашри устодон»), хусусан, дар асарҳои таркибии Шашмақом оварда шудаанд, дар диссертатсия ҳамчун принсипҳои методологии марказӣ истифода бурда мешаванд.

Дар кори диссертатсионӣ консепсияи мусиқишинос Ф. Азизӣ дар бораи он, ки Фалак яке аз падидаҳои марказии мусиқии суннатии тоҷик, *навъи мақоми кӯҳистони тоҷик* аст (1), ду гунаи мусиқии суннатии тоҷик – *мусиқии тоҷикони водинишин* ва *мусиқии тоҷикони кӯҳистон* (2), ду анъанаи аслӣ – *фалаки кӯлобӣ ва фалаки помирӣ* (3) ҳамчун асос қабул шудааст, такя карда, дар рисолаи илмии С. Каримзода ба ҳайси услуби методологии асосӣ интихоб намуда, зимни он таҳлилу тадқиқ дар кори диссертатсионӣ корбарӣ шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он дида мешавад, ки бори нахуст дар мусиқишиносӣ ба доираи жанрии Фалак таҳлили илмӣ дода мешавад (1); меъёрҳои асосии жанрӣ дар Фалак муайян мешаванд (2); матнҳои мусиқии жанрҳои гуногуни Фалак ҷамъоварӣ шуда, зимни назари композитсионӣ-драматургӣ таҳлил мешаванд (3).

Диссертатсияи номзадии Каримзода Саъдулло Салим аз чанд ҷиҳат аҳаммияти вижа дошта, **арзиши назарӣ ва амалиаш** дар он зоҳир меёбад, ки хулоса ва маводи таҳқиқи рисола барои густариши робитаҳои илмии Тоҷикистон, Озарбойҷон, Эрон ва Афғонистон, инчунин омӯзиши минбаъдаи Фалак ва таълифи асарҳои марбут ба ин жанр дар истифодаи бевоситаи он, ҳам дар илми мусиқишиносӣ ва ҳам дар ҷараёни таълим хидмат карда метавонад. Аз маводи рисола барои таълифи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимиву методӣ, хондани лексияҳо, гузаронидани семинарҳо дар факултети мусиқии суннатии тоҷик ва ихтисосҳои мусиқишиносиву композитории Консерваторияи миллии Тоҷикистон метавон истифода бурд.

Муҳтавои таҳқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсияи Каримзода Саъдулло Салим дар 26 таълифоти илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар

маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 16 мақола дар маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ, 1 китоби дарсӣ, 1 монографияи илмӣ (дар ҳаммуаллифӣ), 2 барномаи таълимӣ (яке дар ҳаммуаллифӣ) ва 1 дастури таълимӣ нашр шудаанд, инъикос ёфта, теъдод ва муҳтавои онҳо ба талаботи таълиф ва таҳияи автореферат ва диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ мебошанд. Интишороти диссертант ба мавзуи таҳқиқӣ пурра иртиботи бевосита дошта, муҳтавои асосии диссертатсия ва автореферaтро инъикос менамоянд ва рӯйхати онҳо дар зер оварда мешавад:

**І.Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия:**

[1-М]. Каримов, С.С. Моҳияти фалаки кӯлобӣ дар мусиқии суннатии минтақаи Кӯлоб [Матн] / С.С. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – №4/7. – С. 225-231.

[2-М]. Каримов, С.С. Мактаби суннатии фалакхонӣ: моҳият, фаъолият ва рушди он дар фарҳанги Тоҷикистони муосир [Матн] / С.С. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №5. – С. 248-253.

[3-М]. Каримзода, С.С. Мавқеъ ва моҳияти системаи чормуқом дар фалаки Бадахшон [Матн] / С.С. Каримзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №8. – С. 161-166.

[4-М]. Каримзода, С.С. Нақши сози бунёдӣ-системавӣ дар фалакхонӣ [Матн] / С.С. Каримзода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои филологӣ, таърих ва археология. – Душанбе, 2022. – №5(100). – С. 286-290.

[5-М]. Каримзода, С.С. Мавқеи сози мусиқӣ дар суннатҳои фалакхонӣ: анъанаи фалаки помирӣ [Матн] / С.С. Каримзода // Паёмномаи фарҳанг. Бахши санъатшиносӣ. – Душанбе, 2024. – №1(65). – С. 82-92.

**ІІ. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[6-М]. Каримов, С.С. Мафҳуми «чормодарон» дар суннатҳои фалаки кӯлобӣ [Матн] / С.С. Каримов // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Нақши

муассисаҳои фарҳанг дар густариши тамаддуни ориёӣ» (14-15 апрели соли 2006). – Душанбе, 2006. – С. 76-89.

[7-М]. Каримов, С.С. Модар, Устод, Ҳунарманд (Дар бораи Гулчеҳра Содиқова) [Матн] / С.С. Каримов // Тоҷикистон. – 2008. – №3-4. – С. 28.

[8-М]. Каримов, С.С. Ашъори Рӯдакӣ дар Фалак [Матн] / С.С. Каримов // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ таҳти унвони «Рӯдакӣ дар санъати тасвирӣ, меъморӣ, театрӣ ва мусиқии тоҷик» (18 апрели соли 2008). – Душанбе, 2008. – С. 170-172.

[9-М]. Каримов, С.С. Мактаби ҳунарии Одина Ҳошим [Матн] / С.С. Каримов // Номаи пажӯҳишгоҳ. Вежаномаи мусиқии тоҷикӣ. Фаслномаи пажӯҳишҳои эроншиносӣ (соли 8, шумораи 18).– Душанбе, 2009. – С. 168-178.

[10-М]. Каримов, С.С. Фалаки роғӣ: истилоҳ, сохт ва системаи лаҳнӣ [Матн] / С.С. Каримов // Маҷмуаи мақолоти Сеюмин симпозиуми байналмилалии Фалак – «Фалак ва масъалаҳои таърихӣ-назариявии мусиқии тоҷик» (8-10 октябри соли 2009). – Душанбе, 2009. – С. 47-50.

[11-М]. Каримов, С.С. Проявление свойств Шашмакома в музыке таджикского Кухистана [Матн] / С.С. Каримов // Маҷмуаи мақолоти симпозиуми байналмилалӣ таҳти унвони «Бухарский Шашмаком: классическая музыка Средной Азии» (Веймар, Олмон, 01-05 ноябри соли 2011). – Weimar, 2011. – С. 38-40.

[12-М]. Каримов, С.С. Зуҳуроти нуфузи Шашмақом дар мусиқии кӯҳистони тоҷик [Матн] / С.С. Каримов // «Шиҳоби Шашмақом»: маҷмуаи мақолоти симпозиуми байналмилалӣ бахшида ба 100-солагии Фазлиддин Шаҳобов (10-12 майи соли 2011). – Душанбе, 2012. – С.189-201.

[13-М]. Каримов, С.С. Саҳмгузори санъати миллӣ [Матн] / С.С. Каримов // Файзи Ватан. Мақола, мусоҳибаву латоиф. «Шарқи озод», – Душанбе, 2014. – С. 27-30.

[14-М]. Каримов, С.С. Суннати силсилахонӣ дар фалак [Матн] / С.С. Каримов // Маҷмуаи мақолоти Чаҳорумин симпозиуми байналмилалии Фалак «Фалак: услуби пажӯҳиш ва омӯзиш» (9-10 октябри соли 2012). – Душанбе, 2015 – С. 187-192.

[15-М]. Азизӣ, Ф.А., Каримов, С.С. Фалак [Матн] / Ф.А. Азизӣ, С.С. Каримов //Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. Ҷ. 2. – Душанбе: СИЭМТ, 2017. – С. 499-501.

[16-М]. Каримов, С.С., Азизи, Ф.А., Проявление свойств Шашмакома в музыке таджикского Кухистана [Текст] / С.С. Каримов, Ф.А. Азизи // Материалы Всероссийской научно-практической конференции (с Международным участием). «С.Г. Рыбаков и башкирская традиционная культура» (15 декабря 2017 года). – Уфа, 2018. – С. 101-104.

[17-М]. Каримзода, С.С. Таҷлили Рӯзи Фалак – ҷашн дар Консерватория [Матн] / С.С. Каримзода // Мутриб (Маҷаллаи илмии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов). – Душанбе, 2022. – №1. – С. 11-15.

[18-М]. Каримзода, С.С. Мавқеи сози мусиқӣ дар суннатҳои фалакхонӣ: анъанаи фалаки кӯлобӣ (қисми 1) [Матн] / С.С. Каримзода // Мутриб (Маҷаллаи илмии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов). – Душанбе, 2022. – №2. – С. 21-34.

[19-М]. Каримзода, С.С., Азизи, Ф.А. Фалак-маком горных таджиков [Текст] / С.С. Каримзода, Ф.А. Азизи // Материалы Научного симпозиума, проведенного в рамках VI Международного фестиваля «Мир мугама» (20-22 июня 2023 года). – Баку, 2023. – С. 46-55.

[20-М]. Каримзода, С.С. Навъу унсурҳои эргономии созҳо дар анъанаи фалаки помирӣ [Матн] / С.С. Каримзода // Мутриб (Маҷаллаи илмии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов). – Душанбе, 2023. – №1 (3). – С. 66-75.

[21-М]. Каримзода, С.С. Меъёрҳои жанрии Фалак ва мавқеи онҳо дар мактаби суннатии устод-шогирд [Матн] / С.С. Каримзода // Мутриб (Маҷаллаи илмии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов). – Душанбе, 2024. – №1 (5). – С. 65.

**III. Монография, китоби дарсӣ, барнома ва дастурҳои таълимӣ:**

[22-М]. Азизӣ, Ф.А., Каримов, С.С. Услубҳои суннатии омӯзиш: пажӯҳиш ва истифода. [Матн] / Ф.А. Азизӣ, С.С. Каримов. – Душанбе, 2013. – 92 с.

[23-М]. Каримов, С.С. Фалакхонӣ. Барномаи таълимӣ [Матн] / С.С. Каримов // Корбурди суннатии Устод ва шогирд. – Душанбе, 2013. – С. 5-8.

[24-М]. Азизӣ, Ф.А., Каримов, С.С. Фалакхонӣ. Барномаи таълимӣ [Матн] / Ф.А. Азизӣ, С.С. Каримов. – Душанбе, 2014. – 31 с.

[25-М]. Фалак. Китоби дарсии амалӣ [Матн] Китоби 1. Мураттиб: Саъдулло Каримов. – Душанбе, 2019. – 400 с.

[26-М]. Азизӣ, Ф.А. ва диг. Экспедитсияи мусиқӣ-этнографӣ: таҷрибаи омӯзишӣ ва амалӣ. Дастури таълимӣ [Матн] / Ф.А. Азизӣ, С.С. Каримзода,

М.Р. Бурҳонов, Қ.Д. Лутфишоев ва М.А. Алиев. – Душанбе: “Истеъдод”, 2022. – 144 с.

Диссертант бо дастовардҳои таҳқиқот дар конференсияҳои ҳамасолаи Консерваторияи миллии Тоҷикистон (2005-2024), симпозиумҳои байналмилалӣ дар Кӯлоб (2007), Хуҷанд (2008), Олмон (2011), Озарбойҷон (2023), Душанбе (2009, 2011, 2012, 2024) баромад кардааст.

Ҳамчун фалакхон дар фестивал ва ҷашнвораҳои байналмилалӣ дар хориҷи кишвар – Россия (2001, 2003), Қирғизистон (2005), Афғонистон (2006, 2007, 2011), Қазоқистон (2008), Австрия (2008), Олмон (2008), Чин (2015) баромад карда, Лауреати Фестивали байналмилалии мусиқӣ дар Афғонистон (ҷойи I, 2007, ҷойи II, 2011) мебошад. Ҳамчун омӯзгор зиёда аз 20 нафар шогирд-хатмкунанда дорад, ки 10 нафари онҳо Лауреатҳои озмунҳои ватанӣ ва байналмилалӣ мебошанд. Ба чаҳор кори дипломии бакалаврӣ ва як рисолаи магистрӣ роҳбарӣ намудааст. Дорандаи унвони «Устоди фалак» (2012), Медали «Хизмати шоиста» (2011) ва унвони илмии дотсент (2022) мебошад.

**Натиҷаи таҳқикро** зимни пажӯҳиш дар самтҳои дигар, аз ҷумла фарҳангшиносӣ, таърих, истилоҳшиносӣ, фолклоршиносӣ ва ғайра **татбиқ намудан мумкин аст.**

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** бо фаъолияти ҷамъоварӣ, амалҳои пурмаҳсули банотагирии намунаҳои эҷодиёти касбии шифоҳии Фалак, фаъолияти пайвастаи омӯзгорӣ, таҳлили маводи дастрас, пажуҳиши мавод оид ба Фалак, фаъолияти бастакории диссертант муайян карда мешавад. Диссертант дар се экспедитсияи мусиқӣ-этнографӣ ба минтақаҳои Кӯлоб ва Бадахшон (2012, 2013, 2017) иштирок намудааст, аз соли 2004 то ҳол фаъолияти омӯзгориро дар Консерваторияи миллии Тоҷикистон (аз соли 2022 – дотсент) аз тахассуси «Сарояндагии анъанавӣ» дар шакли дарсҳои инфиродӣ ва ансамблӣ мебарад, ӯ муаллифи асарҳои силсилавии Фалаки Роғӣ (дар шаш қисм (2009), дертар (2012) ба силсилаи сездаҳқисма табдил дода шуд), Фалаки Ғарибӣ (дар панҷ қисм (2015), Фалак

бо панҷ гардиш (2018) ва муаллифи китоби дарсии амалии «Фалак» (2019) мебошад.

Кафедраи таърих ва назарияи мусиқии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов диссертатсияи Каримзода Саъдулло Салимро дар мавзуи **«Хусусиятҳои жанрӣ дар анъанаҳои фалаки кӯлобӣ ва фалаки помирӣ»** кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқӣ таълиф шуда, ба талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар ин замина, диссертатсияи мазкур ба ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 17.00.02. «Санъати мусиқӣ» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илми санъатшиносӣ тавсия мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеи кафедраҳои таърих ва назарияи мусиқӣ ва сарояндагии анъанавии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов аз «15» ноябри соли 2024, №3 қабул гардид.

Иштирок дошт: 23 нафар, аз онҳо «тарафдор» – 23 нафар, «муқобил» – нест, «бетараф» – нест, суратҷаласаи №3, аз 15. 11. 2024.

Раисикунанда – ноиби ректор оид
ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессори
соҳаи фарҳангшиносии татбиқӣ
E-mail: dilovarl@mail.ru
Телефон: (+992) 907070244 Латифзода Диловар Назришо

Котиб: номзади илмҳои филологӣ Шарифзода Лутфулло Абдулло

Имзои Д.Н. Латифзода ва
Л.А. Шарифзодаро тасдиқ мекунам:

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов — Тошов Муҳаммадюсуф Абдураҳимович

Суроға: ш. Душанбе кӯчаи Шарифҷон
Ҳусейнзода, 155 E-mail: tjconservator@mail.ru
факс: 227-60-29, Тел: 227-07-20

23-уми ноябри соли 2024